ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Декабри 2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9 ноябри соли 2023 ҷойгир карда шуда, аз 9 ноябр то 9 декабри соли 2023 машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2023, №146/2с пешниҳод гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Бо назардошти рушди технологияҳои пардохтӣ, зиёд шудани воситаҳо ва намудҳои гуногуни хизматрасониҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ тавассути агентҳо (субагентҳо)-и бонкии пардохтӣ (АБП/САБП) ба баъзе мушкилиҳо дучор шуда истодаанд. Аз ҷумла, бо назардошти зиёд гардидани пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути АБП/САБП, зарурат ба миён омадааст, ки ба номгӯйи хизматрасониҳои АБП/САБП тағйироти дахлдор ворид шуда, фаъолияти онҳо ба талаботи имрӯзаи бозори пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ мутобиқ карда шавад. Инчунин, шакли ҳисоботии дар тартиби амалкунанда овардашуда барои гузаронидани таҳлилҳои дақиқи соҳавӣ ва таъмини шаффофияти пешбурди ҳисоботи омори фаъолияти АБП/САБП ба такмил ниёз дорад.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур гуногунфаҳмӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ тавассути АБП/САБП зиёд гардида, метавонад боиси пастшавии сатҳи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, хусусан дар ноҳияҳои дурдасти кишвар гардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунандаи низоми бонкӣ бо мақсади таҳкими фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур ва ба ин васила ҳалли мушкилоти |

| | |
|---|---|
| | дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои бонкӣ, хусусан дар минтақаҳои дурдаст зарур мешуморад.<br>Бояд қайд намуд, ки лоиҳаи тағйиру иловаҳои мазкур дар радифи иҷрои саривақтии Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи шабакаҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ нигаронида шудааст. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар доираи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур масъалаҳои зерин мавриди танзим қарор мегиранд:<br>- мушаххас намудани номгӯи хизматрасониҳои аз ҷониби АБП/САБП пешниҳодшаванда;<br>- сода намудани тартиби ҷалби АБП/САБП;<br>- такмилдиҳии шакли ҳисоботи аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшаванда. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Ба ҷузъ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур дигар роҳи ҳалли мушкилиҳо вуҷуд надоранд, зеро маҳз Тартиби мазкур санади меъёрии зерқонунӣ буда, тартиби ҷалби агентҳои бонкии пардохтиро барои анҷом додани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ муқаррар менамояд. |

| | |
|---|---|
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар ҳолати қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ба чунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>– дастрасии аҳолиро хусусан дар минтақаҳои дурдаст ба хизматрасониҳои бонкӣ васеъ мегардонад;<br>– барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат менамояд.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>– хароҷоти ташкилотҳои қарзии молиявиро барои васеъ кардани ҳузури худ дар манотиқи кишвар коҳиш медиҳад;<br>– боиси зиёд кардани фоида ва дар навбати худ афзун гардидани даромади андозӣ ба буҷети давлатӣ мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Январи 2025 |

Муовини раис — Икромӣ С. С.